**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# НИЗОМНОМАИ

озмуни «Беҳтарин кабинети тахассусӣ»
дар байни муассисаҳои давлатии таълимии
соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

**Душанбе-2018**

Бо фармоиши Вазири меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «13»феврали соли 2018,№29
тасдиқ карда шудааст.

# НИЗОМНОМАИ
## озмуни «Беҳтарин кабинети тахассусӣ» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

Низомномаи озмуни «Беҳтарин кабинети тахассусӣ» (минбаъд озмун) дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва банди 10-и Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 №146 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст ва мақсади асосии он таъмин намудани самаранокии фаъолияти кабинетҳои тахассусӣ, ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани онҳо ва дар ин замина, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тайёр кардани кадрҳои кории мутобиқ ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ мебошад.

### Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур мақсад, вазифаҳо ва тартиби гузаронидани озмунро дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

### Мақсад ва вазифаҳои озмун

2. Мақсади гузаронидани озмун нишон додани таҷрибаи пешқадам, мубодилаи таҷриба, мукаммалгардонӣ ва такмилдиҳии базаи моддӣ-техникӣ, таъмин будан бо воситаҳои таълимии муосир дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошад.

3. Вазифаҳои озмун:

- тайёр кардани кадрҳои корӣ мутобиқ ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ;
- баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва маҳорати эҷодии омӯзгор;
- дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ;
- такмилдиҳӣ, ҷиҳозонидани кабинетҳои тахассусӣ;
- таъмини раванди натиҷабахши сифати таълим тавассути фаъолгардонии кори кабинети тахассусӣ;
- ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам;

- дарёфти роҳу усулҳои муосири инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи раванди таълим.

**Иштирокчиёни озмун**

4. Иштирокчиёни озмун муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

5. Дар ҷамъбаст ғолиби озмуни «Беҳтарин кабинети тахассусӣ» муайян карда мешавад.

**Ташкил ва гузаронидани озмун**

6. Ташкил ва доиркунандаи озмун Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» мебошад.

7. Вазифаҳои Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»:

- дастрас гардонидани фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «13» феврали 2018, №29 «Дар бораи озмуни «Беҳтарин кабинети тахассусӣ» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таъмини иҷрои он;
- ҷамъоварӣ намудани маводи пешниҳодшуда (мавод ва наворҳои видеоӣ) ва ба ҳайати комиссия манзур намудани он;
- ташкил ва баргузор намудани ҷаласаҳои ҳайати комиссия ва таҳия намудани лоиҳаҳои суратҷаласаҳои он;
- таъмини шаффофият дар раванди ташкил, гузаронидан ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои озмун;
- сари вақт ва воқеъбинона баррасӣ намудани муроҷиатҳо ва арзу шикоятҳои иштирокчиёни озмун.

**Ҳайати комиссияи озмун**

8. Ҳайати комиссия бо мақсади муайян намудани ғолибон тибқи унвонҳо ва ҷамъбаст намудани озмун таъсис дода мешавад.

9. **Ҳайати комиссия:**

- директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» - **раис**;
- муовини сардори Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон - **муовини раис**.

**Аъзои комиссия:**

- муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»;
- сардори шуъбаи таълимӣ-методии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- сардори шуъбаи мониторинги сифати таълими Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- мудири бахши рушд ва инноватсияи Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- муовини раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (вилояти Хатлон);

- муовини раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (вилояти Суғд).

10. **Вазифаҳои ҳайати комиссия:**

- омӯзиш ва баҳогузорӣ намудани мавод ва навори видеоии ба озмун пешниҳодгардида аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба ҳадафу вазифаҳои озмун ва шиносоӣ бо фаъолияти кабинетҳои тахассусии муассисаи таълимӣ дар ҷояш;

- омӯзиш ва баҳогузорӣ намудани ҳолати воқеии кабинетҳои тахассусии муассисаҳои таълимӣ – иштироккунандагони озмун;

- муайян намудани ғолибони озмун;

- ҷамъбаст намудани натиҷаҳои озмун;

- иштирок дар маросими мукофотонидани ғолибон.

**Тартиби гузаронидани озмун ва муайян намудани ғолибон**

11. Озмун санҷишҳои зеринро дар бар мегирад:

- арзёбии фаъолияти кабинети тахассусӣ, мутобиқи мавод ва навори видеоии пешниҳодшуда;

- шиносоӣ бо фаъолияти кабинети тахассусии муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷояш.

12. Натиҷаҳои баҳогузорӣ ба раиси ҳайати комиссия пешниҳод карда мешаванд ва раиси ҳайати комиссия холҳои барои ҳар як кабинети тахассусии муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамудаи аъзои ҳайати комиссияро ҷамъбаст мекунад.

13. Ғолиби озмуни «Беҳтарин кабинети тахассусӣ» ва сазовори ҷойҳои 2 ва 3 мутаносибан аз рӯи ҷамъбасти холҳо муайян карда мешаванд.

14. Ғолиби озмун ва сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм эътироф гардидани кабинетҳо бо суратмаҷлиси ҷаласаи ҳайати комиссия ба расмият дароварда мешавад.

15. Дар сурати баробар будани холҳои бадастовардаи кабинетҳои тахассусӣ қарор дар бораи ғолиб ба тариқи овоздиҳии кушода қабул карда шуда, ҳамон кабинети тахассусӣ ғолиб дониста мешавад, ки ба тарафдории он аз нисф бештари аъзои ҳайати комиссия овоз додаанд.

**Мукофотонидани ғолибони озмун**

16. Ғолиби озмун бо Дипломи дараҷаи якум ва мукофот сарфароз гардонида мешавад. Сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм мутаносибан бо дипломҳои дараҷаи дуюм ва сеюм, инчунин мукофотҳои ҳавасмандгардонӣ қадр карда мешаванд.

17. Номи кабинети тахассусии ғолиб ва сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм дар сомонаи интернетии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» (mtm-mst.tj) ворид карда мешаванд.

18. Иштирокчиёни фаъоли озмун бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида мешаванд.

**Маблағгузории озмун**

19. Ташкил ва гузаронидани озмун аз ҳисоби воситаҳои молиявии дар нақшаи хароҷоти Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» амалӣ карда мешавад.

Замима

**Меъёрҳои баҳодиҳии озмуни**
**«Беҳтарин кабинети тахассусӣ»**

| № | Меъёри баҳодиҳӣ | Хол | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|
| | **Таъминоти кори кабинет** | | |
| 1.1. | Ҳолати умумии кабинет (0-5) | | Масоҳат, таъмин бо таҷҳизот, воситаҳои дидактикӣ, ҳолати санитарӣ-гигиенӣ ва эстетикӣ |
| 1.2. | Шиносномаи техникӣ (0-5) | | Мувофиқат ба талаботи стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ |
| 1.3. | Гӯшаҳои методӣ-тавсиявӣ (0-5) | | Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, нақшаи корӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳо |
| 1.4. | Ҳолати ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхтор (0-5) | | Ҳолати техникаи бехатарӣ ва риояи талаботҳои бехатарӣ аз сӯхтор |
| **Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 20 хол** | | | |
| | **Маҷмӯи маводи таълимию методии кабинет** | | |
| 2.1. | Китобҳои дарсии тахассусӣ, стандарт ва барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ 0-10) | | Миқдори онҳо, ҳолати нигоҳдорӣ |
| 2.2. | Воситаҳои таълимии айёнӣ (0-10) | | Мавҷудияти овезаҳо, ҷадвалҳо, моделҳо, намунаҳо, қолабҳо, макетҳо ва ғайра (на дертар аз соли 2014 ба назар |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | гирифта мешаванд) |
| 2.3. | Технологияҳои таълимии муосир (0-10) | | Мавҷудияти компютер ва пайвасти онҳо ба шабака, проектор, тахтаи интерактивӣ, медиатекаҳо ва истифодаи онҳо дар ҷараёни таълим |
| **Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 30 хол** | | | |
| | **Фаъолияти омӯзгор** | | |
| 3.1. | Маълумот дар бораи омӯзгор (0-10) | | Таҳсилот, собиқаи корӣ, дараҷаи тахассусӣ, таҳияи маводи таълимӣ ва ғайра |
| 3.2. | Омодагии омӯзгор ба дарс (0-5) | | Стандарт ва барномаи таълимӣ, нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ, нақшаи дарс, лексия ва ҳолати журнали таълимӣ |
| 3.3. | Методҳои таълим дар дарс (0-10) | | Истифодаи усулҳои фаъоли таълим (интерактивӣ, саволу ҷавоб ва ғайра) |
| 3.4. | Маҳфилҳо, дарсҳои кушод ва машваратҳо (0-10) | | Нақшаи кории маҳфилҳо, дарсҳои кушод, машваратҳо ва самарабахшии кори онҳо |
| 3.5. | Истеъдодҳо (0-10) | | Ширкати хонандагон дар озмунҳо, олимпиадаҳо |
| **Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 50 хол** | | | |
| **Баҳои ҷамъбастии ҳади ниҳоӣ – 100 хол. Ҷамъ:** | | | |